# ТАҚРИЗ

ба рисолаи илмии Давлатзода Фарзона Иброҳим дар мавзуи “Шароитҳои педагогии рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаи таълимии томактабӣ ва оила” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 5.3.2. Назария ва методика таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ)

Давлатзода Фарзона Иброҳим ба ҳайси унвонҷӯ дар кафедраи педагогикаи умумии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ бурда, ҳамзамон солҳои зиёд аст ҳамчун омӯзгори кафедраи мазкур ба донишҷӯён аз фанни педагогикаи умумӣ тадрис медиҳад.

Мазмуни мухтавои рисолаи илмии диссертант Давлатзода Ф.И. “Шароитҳои педагогии рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ ва оила” махсусан татбиқи талаботҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ” ва “Барномаи давлатии рушди соҳаи тарбияи томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-25”-ро дар бар гирифта, тибқи иҷрои нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ба анҷом расидааст.

Мақсади таҳқиқотро коркард ва асосноксозии барнома ва амсилаи сохторӣ-мухтавоӣ, ки ба ташаккули сифатҳои иҷтимоӣ дар кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаи таълимии томактабӣ ва оила мусоидат мекунанд, ташкил медиҳад. Тавре диссертант қайд мекунад, дар солҳои аввали ҳаёт кӯдак, тадриҷан меъёрҳои иҷтимоӣ, яъне қоидаҳои рафтореро, ки дар ҷомеа қабул шудаанд, омӯхта, аз худ мекунад. Ин раванд ба инсон имкон медиҳад, ки худро ҳамчун як субъекти фаъолият дарк кунад, яъне ҳамчун шахсе, ки қодир аст дар ҳаёти ҷамъиятӣ фаъолона иштирок кунад ва ба он таъсир расонад. Маҳз дар ҳамин давра асосҳои салоҳияти иҷтимоӣ гузошта мешаванд, ки ба кӯдак имкон медиҳанд, ки бомуваффақият бо дигарон муошират кунад, ҳиссиёти худро идора кунад, мушкилотро ҳал намояд ва дар маҷмуъ, ба ҳаёти иҷтимоӣ ворид шавад.

Унвонҷӯ Давлатзода Ф.И. дар доираи тадқиқот аввалан адабиёти педагогӣ-равоншиносӣ ва илмӣ-методӣ оид ба рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ тавассути ҳамкории МТТ ва оила мавриди омузишу таҳлил қарор додааст. Барои ноил шудан ба

максади тахкикот ҳалли вазифаҳои асосноккунии назариявӣ ва коркарди модели сохторӣ-мухтавоии рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ тавассути ҳамкории тарафайни МТТ ва оиларо дар назди худ гузоштааст. Инчунин, шароитҳои равонӣ-педагогӣ, ки татбиқи самараноки амсилаи таҳияшудаи «Тарбияи сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар МТТ ва оила» ва Барномаи кории «Ман, мо ва дигарон» мувофикро бо истифода аз технологияҳои педагогӣ таъмин менамоянд, мавриди истифода қарор доааст.

**Навгонии илмии кор** аз он иборат аст, ки унвонҷӯ шароитҳои психологӣ-педагогии ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабиро дар раванди корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ошкор ва муайян намуда, дар ин замина амсилаи ташаккули сифатҳои иҷтимоиро дар кӯдакони синни калони томактабӣ ва мактаббачагони хурдсол коркард ва ба таври самаранок амалӣ намудааст. Рушди салоҳияти мураббия ва падару модар дар самти рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни томактабӣ, ки аз ҷузъҳои шахсиятӣ, маърифатӣ ва фаъолиятӣ иборатанд, муайян гардиданд.

Қобили зикр аст, ки **дар нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда** муайян ва асоснок шудааст, ки сифатҳои иҷтимоӣ ҳамчун маҷмуи хусусиятҳои шахсият (фаъолият, ташаббускорӣ, мустақилият, рафтори иҷтимоии танзимшаванда, қобилияти ҳамкорӣ ва иртибот) нишондиҳандаи асосии сатҳи рушди иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ ба ҳисоб меравандд. Рушди салоҳияти мураббия ва падару модар ҳамчун шарти асосии рушди сифатҳои иҷтимоӣ дар кӯдакон баромад намуда, бояд бо назардошти ҷузъҳои шахсиятӣ, маърифатӣ, фаъолиятӣ, таъмини шаклҳои ташкили муҳити босамар ва истифодаи технологияҳои педагогӣ амалӣ карда шавад.

**Аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот.** Бояд қайд кард, ки дар рисола аз ҷониби унвонҷӯ равишҳои назариявӣ ва педагогӣ ҳамчун асос барои эҷоди амсилаи сохторӣ-мундариҷавӣ истифода шуданд, ки ба ташаккули сифатҳои иҷтимоӣ дар кӯдакони синни калони томактабӣ ва мактаббачагони хурдсол дар оила шароит фароҳам меорад. Инчунин, Барномаи дастгирии волидайн таҳия ва пешниҳод шуд, ки дар оила ба кӯдакон дар ташаккули сифатҳои иҷтимоӣ таъсир мерасонад. Натиҷаҳои таҳқиқ дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалии муҳим буда, метавонанд дар таҷрибаи тарбияи оилавӣ, дар фаъолияти муассисаҳои томактабӣ, дар баланд бардоштани салоҳияти педагогии волидон ва мураббиён ва дар таҳияи барнома ва дастурҳои методӣба таври васеъ истифода шаванд.

Унвонҷӯ Давлатзода Ф. **дар боби якум «Асосҳои назариявӣ-амалии рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ»-ро** дар шароити МТТ ва оила мавриди таҳлил ва ҷамъбасти илмӣ қарор додааст. Дар доираи боби мазкур мафҳумҳои калидӣ, аз қабили «рушди иҷтимоӣ», «сифатҳои иҷтимоӣ», «иҷтимоикунонии шахсият», ҳамчунин равишҳои асосии педагогӣ ва психологӣ нисбат ба рушди иҷтимоии кӯдакон таҳқиқ гардида, ҷойгоҳ ва аҳаммияти онҳо дар илмҳои муосири педагогика ва психология равшан карда мешаванд. Натиҷаҳои таҳлили назариявӣ нишон медиҳанд, ки рушди иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар МТТ ва оила ҳамчун шарти муҳим ва зарурии ташаккули шахсияти комил арзёбӣ мегардад. Ин таҳлил заминаи методологӣ барои таҳияи амсилаи педагогӣ ва татбиқи усулҳои ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдаконро фароҳам меорад.

**Дар боби дуюм «Шароитҳои педагогии рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаи таълимии томактабӣ ва оила»** санҷиши амалии асосҳои назариявӣ ва амсилаи сохторӣ-мухтавоии таҳияшуда мебошад, инчунин муайян намудани самаранокии шароитҳои психологӣ-педагогии рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакон дар муҳити оила ташкил медиҳад. Дар раванди таҳқиқ равобити байни шароитҳои педагогии фароҳамовардашуда, фаъолияти мураббиёну волидон ва сатҳи рушди иҷтимоии кӯдакон ошкор карда шуданд. Кори озмоишӣ ба он равона гардид, ки таъсири воқеии муҳити оилавӣ ба рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакон аз нигоҳи илмӣ тасдиқ карда шуда, имкониятҳои татбиқи амалӣ ва самараноки тавсияҳои педагогӣ муайян карда шаванд.

Тавре муҳаққиқ қайд менамояд, натиҷаҳои боби дуюм имкон медиҳанд, ки робитаи зичи назария ва амалия дар рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакон асоснок гардида, дурустии фарзия ва хулосаҳои таҳқиқот исбот карда шаванд. Илова бар ин, онҳо заминаи илмӣ барои таҳияи барномаҳои таҷрибавӣ-амалӣ ва тавсияҳои методологии ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакон дар муҳити МТТ ва оила фароҳам меоранд. Шароитҳои муайяншуда ҳамчун пояи ташкили кори озмоишӣ ва санҷиши амалии амсилаи сохторӣ-мухтавоии таҳияшуда хизмат намуда, самаранокии рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ ро дар шароити МТТ ва оила таъмин менамоянд.

Хеле бамаврид сифатҳои иҷтимоии кӯдакон ба тавri мақсаднок ва самаранок ташаккул дода шудаанд. Дар ин кор, инчунин муҳим аст, ки аз имкониятҳои МТТ, оила ва ниҳодҳои иҷтимоиро истифода бурда шудааст. Мураббия ва падару модар метавонанд дар муҳити мусоид, ки дар он кӯдакон метавонанд малака ва сифатҳои нави иҷтимоиро ба даст оранд ва тарбия кунанд, нақши калидӣ бозанд. Аз ин рӯ, дар доираи ин

таҳқиқот, кор бо мураббиёну волидони гурӯҳи озмоишӣ ташкил карда шуд, ки ҳадафи он баланд бардоштани салоҳияти онҳо дар масъалаҳои рушди иҷтимоии кӯдакон мебошад.

**Дар боби сеюм «Корҳои озмоишӣ оид ба татбиқи амсилаи ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакон ва натиҷабардорӣ аз он»** мавриди таҳқиқ қарор ёфтааст. Натиҷаи корҳои озмоишӣ оид ба рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар шароити МТТ ва оила ҷамъбаст ва таҳлил карда мешавад. Мақсади асосии боби мазкур муайян намудани самаранокии татбиқи амсилаи ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакон, арзёбии тағйироти сифатӣ ва миқдорӣ дар сатҳи рушди иҷтимоии онҳо, инчунин натиҷабардорӣ аз корҳои озмоишии гузаронидашуда мебошад. Дар таҳлили натиҷа, таркиб ва хулосабарорӣ аз баргузории озмоишҳои назоратӣ ва асосӣ бо нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатии бадастомада оварда шуда, асоси назариявӣ ва методологии таҳқиқот исбот гардидааст.

Дар **хулосаи** диссертатсия натиҷаи корҳои баанҷомрасида ва тавсияҳо оварда шуда, тавсияҳо пешниҳод шуданд.Дар ҷамъбасти фаъолияти таҳқиқотӣ метавон хулоса намуд, ки рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар МТТ ва оила раванди мақсаднок, илмӣ асоснок ва амалан самаранок мебошад.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуъ ва муҳтавои** диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 5.3.2.-Назария ва методика таълиму тарбияи томактабӣ (Педагогикаи томактабӣ): аз он ҷумла, ба *банди 4.1.* – Назария, методика ва методологияи таҳқиқи масъалаҳои тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ; асосҳои психологӣ-педагогӣ ва хусусиятҳои ташаккули шахсияти кӯдак аз рӯзи таваллуд то давраи гузариш ба зинаи таҳсилоти ибтидоӣ; *банди 4.3.* – Махсусияти ҳамкории ниҳодҳои иҷтимоӣ вобаста ба таълиму тарбияи кӯдакони синну соли томактабӣ; *банди 4.6.* - Коркарди барномаҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки тарбия ва таълими кӯдакон мувофиқ ба мазмуни фаъолияти педагогӣ ва даврaҳои гуногуни синну солӣ мувофиқ мебошад.

**Интишори натиҷаҳои таҳқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 15 номгӯй интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 10 номгӯй дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 номгӯй дар маҷмуаи маводи конференсияҳо ба табъ расидаанд.

Дар даврaи таҳқиқот унвонҷӯ Давлатзода Ф.И. худро ҳамчун шахсияти кордону нуктасанҷ, масъулиятнок ва қавиирода нишон дода,

доимо аз болои баланд бардоштани маҳорати касбии худ кӯшиш менамояд, бо маърӯзаҳо дар конфренсияҳои илмию назариявӣ ва ҳисоботҳо дар кафедраи педагогикаи умумӣ ва дигар муассисаҳои илмӣ баромад намуда, аз натиҷаҳои таҳқиқот мақолаҳои илмиро дар матбуоти ҷумҳурӣ ва берун аз он чоп намуданд.

Муносибати инсонӣ ва одоби омӯзгорӣ ба ӯ хос буда, пешаи худро дӯст медорад, ҳамвора пайи ҷустуҷӯ ва пажӯҳиш аст. Заҳматкашӣ, пуркорӣ ба ӯ имкон додааст, ки дар соҳаи илму таълиму тарбия ба муваффақиятҳо ноил шавад.

Хулоса, таҳқиқоти Давлатзода Фарзона Иброҳимовна “Шароитҳои педагогии рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ ва оила” кори мустақилона ва ба итмомрасидаро ифода намуда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.2.- Назария ва методика таълиму тарбияи томактабӣ (Педагогикаи томактабӣ) тавсия мегардад.

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои педагогӣ, профессор
мудири шуъбаи педагогика, психология
ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи
рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ Иматзода
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Лутфия Маҳмадулло

Суроға: 734017, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ 144, хонаи 198.
Тел.:(+992322) -227-62-46, Моб.: +992 555-33 -31-21.
Суроғаи электронӣ: e-mail: imatoval@mail.ru.

Имзои Л.М.Иматзодаро тасдиқ мекунам.

Мудири шуъбаи кадр ва коргузорӣ
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ҳакимова Х.С.

Суроға: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, к. А.Адҳамов 11/2.
Тел.: 227 45 25; 227 46 00; e-mail: prmatt@maorif.tj.

23.11.2025 с.